PLITONIT

ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ

Plitonit Deutsche Qualität

## PLITONIT COLORIT CG1 E — соиданӣ барои чокҳо то 6 мм байни ҳамаи намудҳои лавҳаҳо




Омехта барои соидани чокҳои лавлаҳои рӯӯйкашии деворӣ ва фаршӣ аз керамика, керамогранит, клинкер, лавҳаи кошинӣ ва шишагӣ, санги табиӣ ва сунъӣ дар корҳои дарунӣ ва берунӣ таъин карда шудааст. Ҳангоми сохтмон ва таъмири биноҳо ва иншоотҳои манзилӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин дар муассисҳои таълимӣ-тарбиявӣ, муассисаҳои кӯдакона, томактабӣ, мактабӣ ва тиббӣ (аз он ҷумла, табобатӣ-профилактикӣ ва санаторӣ-осоишгоҳӣ), дар хонасозии камқабата татбиқ карда мешавад.

Монеъаи обногир ва зиддизамбуруғӣ дар чок ҳосил шудани замбуруғҳо ва пӯпанакро пешгирӣ мекунад. Суръати баланди гузаронидани корҳои соиданӣ — сабукии тозакунӣ ва ташаккулдиҳии чок, роҳравӣ баъд аз 24 соат.

**Бандубасткунӣ — 2 кг.**

- Муҳофиза аз мағор ва пӯпанак
- Устувории баланди ранг
- Пластикии баланд — суръати баланди гузаронидани корҳо
- Эҳтиёткунанда барои пӯсти дастон**
- Барои системаи «фарши гарм»
- Барои корҳои беруна ва даруна
- Роҳгардӣ баъд аз 24 соат
- Устувор ба поккунӣ

**Тавсифномаи техникӣ**

- Барои корҳои беруна ва даруна
- Чок 1-6 мм
- Роҳгардӣ баъд аз 24 соат

- Алоқа бо об баъд аз 48 соат
- Қобилияти ҳаёти омехта 2 соат
- Омехтакунӣ 3 дақиқа
- Ҳарорати татбиқ аз +5°C то +30°C
- Фаъолкунии фаршҳо бо гармкунӣ — 7 шабонарӯз
- Тамға аз рӯи тобоварӣ ба сармо F75
- Мустаҳкамӣ ҳангоми фишор M100
- Муҳлати истифода 24 моҳ.

**Хароҷоти мавод**

0,3-1,2 кг/м² вобаста аз васеъгии чок, андоза ва ғавсии лавҳа.

**Шартҳои гузаронидани корҳо**

Ҳангоми гузаронидани корҳо ва дар давоми 3 шабонарӯзи баъдина, ҳарорати ҳаво, асос ва лавҳа бояд дар ҳудуди аз +5°C то +30°C бошад. Ҳарорати омехтаи маҳлулӣ дар ҷараёни гузаронидани корҳо бояд аз +10°C то +30°C бошад. Ҳарорати истифодабарӣ то +70°C. Соиданӣ аз он ҷумла барои корҳои беруна таъин карда шудааст. Дар ин намуди корҳо, сатҳи чокро аз боришоти атмосферӣ дар вақти иҷроиши корҳо ва дар давоми 24 соати баъдина муҳофиза кардан лозим аст.

**Омодакунии асос**

Асос таҳти соидани чокҳоро аз ифлосӣ ва чанг тоза карда, фрагментҳои ҷудошударо нест кунед. Чуқурии чоки соидашаванда бояд на камтар аз ними ғавсии лавҳа бошад. Соидани чокҳоро дар муҳлатҳои аз ҷониби истеҳсолкунандаи омехтаи ширеҷии маҳлулӣ муқарраргардида ба амал бароред.

**Омодакунии омехтаи маҳлулӣ**

Барои омехтакунии омехтаи хушк обро аз обтаъминкунии нӯшокӣ истифода бурдан лозим аст. Таносуб ҳангоми аралашкунӣ: ба 1 кг омехтаи хушк 0,30-0,34 л об (0,6-0,68 л ба 2 кг) талаб карда мешавад Омехтаи хушкро ба миқдори пешакӣ ченкардашудаи оби ҳарорати хона резед ва дар давоми 2-3 дақиқа бо ёрии миксери барқӣ ё ки пармаи барқӣ бо мулҳақа бо суръати даврзанӣ на беш аз 600 гардиш/дақиқа то гирифта шудани консистенсияи якхела омехта кунед. То таҳшин шудани омехтаи маҳлулӣ 5 дақиқа интизор шуда, такроран омехта кунед. Ҳангоми омехтакунии такрорӣ илова кардани об то қимати максималии таносуби дар боло нишондодашуда иҷозат дода мешавад. Вақти истифодабарии омехтаи маҳлулии ширеҷӣ на бештар аз 2 соат (бодғарҳо ва ҳарорати баланд ин вақтро кӯтоҳ мекунанд).

**Тартиби кор**

Пеш аз пуркунии чокҳо сатҳи лавҳаҳоро бо губкаи нам тоза кардан лозим аст. Омехтаи омодаи соиданиро ба лавҳа бо андоваи резинӣ ё ки андова молидан, бо ҳаракатҳои диагоналӣ нисбат ба чокҳо тақсим кардан ва то охир пур шудани чокҳои байни лавҳаҳо зич кардан лозим аст. Тозакунии чокҳои лавҳаҳо: баъд аз 10-30 дақиқа сатҳи рӯйпӯшкардашударо бо диагонал ба панҷараи чок бо исфанҷи камтар нам ё ки андоваи бо поролон рӯйпӯшшуда пок кунед.

Бо об аз ҳад зиёд ғанӣ шудани сатҳҳои чокҳо ва поккунии интенсивии онҳо ба шусташавии омехтаи поккунӣ ва тағйир ёфтани ранги соиданӣ оварда расонида метавонад.
Об барои соиданро бояд зуд-зуд иваз намуд, то ки он тоза бошад. Тозакунии ниҳоии сатҳи лавҳа аз бақияи шахшуда бо ёрии латтаи мулоими хушк ба амал баровaрда мешавад.

**Диққат**

Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастурамалҳо оид ба бурдани корҳои умумисохтмонӣ ва техникаи бехатарӣ дар сохтмон дастур бояд гирифт. Ҳангоми харидани соиданӣ ба рақами партия диққат диҳед, зеро ҷилои ранги партияҳо фарқ карда метавонад. Ба ҷилои ранг ва якзайлии он сабабҳои зерин таъсир расонида метавонанд: тозакунии аввалияи лавҳа бо усули хушк; намнокии паст ва ҳарорати баланд; нурҳои бевоситаи офтоб ва бодғарҳо; фарқият дар чуқурии чокҳо; аз ҳад зиёда илова гардидани оби омехтакунӣ ва сифати он; таркиби аз ҳад зиёди намӣ дар асос; қобилияти гуногуни ҷаббиши канорҳои лавҳаҳо; омехтаи номунтазам аралашгардида. Пеш аз соидани чокҳо байни лавҳаи сирӣ ва шахшӯл пуркунии санҷишии чокҳоро иҷро кардан лозим, барои тафтиши он, ки бақияҳои омехтаи соиданӣ аз лавҳа то чанд андоза хуб шуста мешаванд. Дар ҷараёни гузаронидани корҳо омехтаро давра ба давра омехта кардан тавсия дода мешавад. Иловакунии миқдори иловагии об ба омехтаи омода манъ аст. Ба истифодабарии асбоби зангзада роҳ дода намешавад.

**ЧОРАҲОИ ЭҲТИЁТ**

Омехта ба дараҷаи 4-уми хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) аз рӯи СтД 12.1.007 мансуб аст. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнакҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред. Расидани омехта ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед. АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!

**Таркиб**

Пуркунандаи минералӣ, портландсемент, иловаҳои полимерӣ, пигмент.

**Шартҳои кашонидан ва нигоҳдорӣ**

Дар воситаҳои пӯшидаи нақлиётӣ тибқи қоидаҳои кашонидани борҳо ҳамлу нақл карда шавад. Дар биноҳои пӯшидаи хушк дар шароити таъминкунандаи маҳфузии бандубаст ва пешгирӣ аз намнокӣ нигоҳ доред.

**Кафолати истеҳсолкунанда**
Истеҳсолкунанда мутобиқати омехтаро ба талаботи шартҳои техникӣ ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад.

Фарқият аз вазни холис тибқи СтД 8.579-2019. Маҳсулот барои истифодабарӣ дар ҳамаи намудҳои сохтмони граждани (Аэфф<370 Бк/кг аз рӯи СанПиН 2.6.1.2523-09 (НРБ 99/2009)) иҷозат дода шудааст.
Тибқи 23.64.10-280-51552155-2018, СтД Р 58271 истеҳсол карда шудааст

** дар асоси Хулосаи экспертии Маркази беҳдошт ва эпидемиологияи ш. Санкт-Петербург омехта дорои таъсири пӯстӣ-резорбтивӣ ва сенсабиликунанда надорад. Таъсири барангезанда ба рӯйпӯши пӯстӣ ҳангоми таъсири яккарата — вуҷуд надорад, такрорӣ — суст. Истифодабарии васоити муҳофизати фардӣ, тибқи блоки ЧОРАҲОИ ЭҲТИЁТИИ дастурамали мазкур пешбинӣ карда мешавад.

Маслиҳатҳои муҳим

Ин соиданӣ барои ҳавзҳои чуқур таъин нагардидааст. Барои соидани ҳавзҳо аз соидании эпоксидии PLITONIT Colorit Easy Fill истифода баред. Соиданӣ дар система бо маҳсулоти дигари PLITONIT татбиқ карда мешавад. Масалан, барои гузаронидани корҳои рӯйпӯшкунанда дар ошхонаҳо ва ҳуҷраҳои ванна дар биноҳои истиқоматӣ аз соидании Colorit бо Аквагрунт PLITONIT, гидроизолятсияи полимерии ГидроЭласт, ширеҷ барои лавҳа PLITONIT В пурзӯркардашуда бо наххои мустаҳкамкунанда ва Воситаҳои оид ба нигоҳубини лавҳаҳо PLITONIT истифода баред.

Штрих-кодҳо фардӣ:

| | |
|---|---|
| Сафед | 4607013042254 |
| Сиёҳ | 4607013044258 |
| Салатӣ | 4607013044364 |
| Ҳаворанги кушод | 4607013042315 |
| Кабуд | 4607013042391 |
| Гулобии кушод | 460701304388 |
| Охра | 4607013042377 |
| Зарди кушод | 4607013042360 |
| Зардтоб | 4607013044340 |
| Қаҳваранги кушод | 4607013042285 |
| Қаҳваранг | 4607013044395 |
| Қаҳваранги тира | 4607013042278 |
| Хокистарии кушод | 4607013044371 |
| Ҷигарӣ | 4607013044357 |
| Ҷигарии тира | 4607013042384 |
| Какао | 4607013042322 |
| Хокистаранги кушод | 4607013044326 |

| | |
|---|---|
| Хокистарранг | 4607013042261 |
| Хокистарранги тира | 4607013044333 |
| Асфалти тар | 4607013042353 |